**<u>Мавзуи 10. 3.</u>**

***Хусусиятхои давраи сензитивии инкишофи нутки кудакон.***

*Шамъи умри хешро афрухтам аз модарам,*
*Ин ҳама ҳарфу ҳиҷо омӯхтам аз модарам,*
*Ман каломи модарӣ омӯхтам аз модарам,*
*Лаб кушодастам ба олам бо забони модарӣ,*
*Одамӣ гардид одам бо забони модарӣ.*
*Неъмат Шарифӣ*

***Инкишофи нутқ давраҳои зеринро аз сар мегузаронад:***

1. Давраи тайёрӣ – ин давра аз се зина иборат мебошад:

а) зинаи якум – гиря барои инкишофи узвҳои нафаскашӣ ва нутқ хеле аҳамияти калон дорад (кӯдак ҳангоми хунук хӯрдан, гурусна мондан гиря мекунад).

2. Инкишофи нутқ дар давраи пеш аз томактабӣ ва дар давраи томактабӣ.

а) Инкишофи овози фонетикии нутқ.

б) Инкишофи нутқи алфавит дар кӯдакон.

в) Инкишофи сохти грамматикии нутқи кӯдак.

3. Инкишофи нутқ дар протсесси таълими мактабӣ.

Давраи барвакти барои инкишоф ёфтани нутк давраи хеле мусоид ба хисоб меравад, ки онро давраи сензитивии инкишофи нутк меноманд, зеро протсеси инкишофи нутк нисбат ба дигар протсесхо дар марказ меистад.

***Муошират ба воситаи нутк.***

Инкишофи нутки кудак аввал аз калонсол вобаста аст. Муошырати калонсол ба инкишофи нутки кудак таъсир мерасонад. То яксолаги дар кудак нутки пассив пайдо мешавад, ки бо имою ишора зохир мешавад. Кудак ба ашё даст дароз мекунад ва он ба модар ё доя раона карда шудааст. Ишораи кудакро модар мефахмад ва ба у ашёро гирифта медихад. Ин гунна нутки пассив то 1-1,5солаги давом мекунад баъд ба чои он нутки автономи пайдо мешавад, ки он низ ба шахсони наздики кудак фахмо аст. Он аз калимахое, иборат аст,ки дар нутки калонсол мушохида намешаванд. Нутки автономии бо калима, хичохои ифода

меёбад ва дар авали нуткрониаш кудак аз онхо истифода мебарад. Масалан: ка – ка, ти-ти, бучи, ам-ам, чиза, ло-ло, па-па, кха, опош…

Ин гуна нутк дар вакти муоширати калонсол ва кудак ба вучуд меояд. Ва онро танхо кудак ва шахсони назик 1-2 нафар мефахмад. Баъдан, нутки кудак ба калимахои фахмо монанд мешаванд, талафуз кардани он барои кудак осонтар аст. Нутки пайдо шуда ба вазъият нигаронида шудааст. Кудак ашёро мебинад ва онро талаб карда «те», «гир», мегуяд ва ба дасташ ишора мекунад вазъият чумларо пурра мекунад. Ин калимахо фахмотар ва осонтар мебошанд. Ин нутк аз калимахои сода, ва ё аз як калима иборат аст. Бад аз ин бо мурури замон давраи дукалимаги (аз руи акидахои Штерн) ба вучуд меояд, ки он аз ду калима иборат аст. м-н: «ма-ма те». « об те», « об мазза»… Дар сесолаги муоширате пайдо мешавад,ки аз бисёр калимахо иборат аст. Кудак хикояхои кутохро накл карда метавонад. Кудак асосхои грамматики нуткро аз худ мекунад, бо забони модараш гап мезанад. Дар сесолаги нутки алоканок дар кудакон пайдо мешавад, яъне накл кардан бо истифодаи бисёр калимахое, к ибо хам алокаманданд. Нутки алоканок аз нуткие, ки ба вазъият нигаронида шуда буд фарк мекунад:

- ✓ Нутки алоканок аз вазъияти аёни чудо мешавад, кудак дар бораи он чизе ки бо у рух дод накл мекунад, акнун нутк ашёро пурра намекунад, нутк вокеаи бо кудак руйдодашуда ифода мекунад.
- ✓ Нутк пурратар ва муфассалтар мегардад, шакли монологиро пайдо мекунад. «моно»- якто, дар бораи худам.

Хулоса : Дар инкишофи худ нутк 2 давраро мегузаронад:

I. Давраи якум ба кудакони 1-2 сола хос аст. А) Нутки кудак аз шахси дигар, аз нутки у вобастааст (калонсол мепурсад, кудак чавоб медихад); Б) нутк аз вазъияти аёни , аз идроки ашё вобастааст (ашёе, ки кудак мебинад, хамон ашёро талаб мекунад); В) нутк аз ашё ва амали кудак бо ашё вобаста аст (обро нушид ва бомазза гуфт);

II. Давраи дуюм ба сесолахо хос аст. Ва дар ин давра нутке, ки пайдо мешавад, ки А) аз шахси дигар вобаста нест, «нутки монологи» пайдо мешавад; Б) нутк аз вазъияти аёни ва аз идрок чудо мешавад. Кудак дар бораи замони гузашта ва оянда сухан меронад, нутк аз замони хозира вобаста нест; В) нутк аз ашё, аз амалиёти конкретии кудак алокаманд нест, ки онро нутки алоканок, монологи, беруназвазъият меноманд. Нутк мустакил мешавад.

Дар ин давраи синнусоли овози фонематики ва артикулятсиони холо ба кадри кифоя инкишоф наёфтааст. Ба мохияти инкишофи нутки кудакон сарфахм нарафтани аксарияти падару модарон сабаби нодуруст инкишоф ёфтани нутки кудак мегардад. Муносибат кардан бо лафзи

кудаки ё худ бо лафзи ширин нисбат ба кудак барои нодуруст талафуз кардани аксарият харфхо сабаб мешавад, м-н: «р, к, г, д, т, ч, ш». .

Нутқ ин протсесси бо мақсади муносибати байни одамон ба вуҷуд оварда мешавад. Забон ва нутқ бо ҳам алоқаманд буда, дар ягонагӣ зоҳир мешаванд.

Одам метавонад ба воситаи нутқ фикрҳо, донишҳо, ҳиссиёт ва орзуи худро ба дигарон гуфта диҳад ва инчунин фикру ҳиссиёти дигаронро аз худ намояд. Барои ҳамин ҳам ба воситаи нутқ донишҳои дигаронро мефаҳмем ва аз дигарон дониш мегирем.

Нутқ ва забон ба ҳам алоқаи зич доранд, аммо ҳар дуи онҳо як чиз нестанд. Ҳар як одам дорои нутқи худ мебошад. Забон ин ҳодисаи ҷамъиятист.

Нутқ аз ҷиҳати хелҳои худ ду хел мешавад: нутқи дохилӣ ва нутқи берунӣ.

а) Нутқи дохилиро нутқи дар дил гуфташаванда меноманд. Нутқи дохилӣ он аст, ки фикр пеш аз ба ягон кас баён кардан ба вуҷуд меояд. Нутқи дохилӣ хусусиятҳои махсуси худро дорад. Ин гуна нутқ дар одамон бе баровардани садо ба вуҷуд меояд. Баъзан нутқи дохилӣ садо ҳам дорад. Масалан, дар вақти ҳал кардани ягон масъалаи душвор бе восита ба овози баланд чизҳои заруриро такрор мекунанд. Кӯдакони хурдсол бисёр вақтҳо ба воситаи садо фикру ҳаракат мекунанд ва гап мезананд (гиряи кӯдак).

Аз ҷиҳати шакл нутқи дохилӣ – монологӣ мебошад.

Нутқи монологии (дарунӣ) одамон беихтиёр ба вуҷуд меояд.

б) Нутқи берунӣ – чунин нутқест, ки дар муносибат ё алоқа дар одамон иҷро мешавад. Нутқи берунӣ боз дар навбати худ ду хел мешавад: нутқи хаттӣ ва даҳонӣ (шифоҳӣ).

а.Нутқи хаттӣ – ба воситаи навиштаҷотҳо иҷро карда мешавад, яъне одамон фикрашонро нутқашонро ба воситаи хат ифода мекунанд.

б. Нутқи шифоҳӣ – чунин нутқест, ки мо онро бевосита дар вақти гуфтугӯ бо ҳамдигар истифода мебарем, ё ба тарзи дигар гӯем, ин нутқи оддии гуфтугуй мебошад.